Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

9 майи соли 2025
Ҷумъа
№ 38
(15153)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# САҲМИ ХАЛҚИ МО ДАР ҒАЛАБА ИН СОЛНОМАИ ҶАСОРАТ ВА ҚАҲРАМОНИИ ҲАҚИҚӢ АСТ

***Аз анҷоми Ҷанги дуюми ҷаҳон 80-сол гузашт. Бо вуҷуди он ки аз он замон даҳсолаҳо гузаштанд, таърихи он, ранҷу азоб ва санҷишҳое, ки ҷанг ба бор овард, фаромӯш намешаванд. Баръакс даҳшати ҷанг ба мо қадри сулҳу салоҳро хотиррасон мекунад. Рӯзи хотира ва қадр, ки 9 май қайд карда мешавад, маҳз ин мазмуни амиқро дар худ таҷассум менамояд.***





Президент Шавкат Мирзиёев имрӯз Боғи Ғалабаро зиёрат кард ва дар маросими ёдбуд иштирок намуд.

Дар тамоми ҳудуди боғ мусиқии муассир садо дод. Ҳар кадом ёдгорӣ, рамз ва навиштаҷоти инҷо ҳақиқати фоҷиаомези ҷангро инъикос менамоянд ва саҳми бузурги халқи моро дар Ғалаба таъкид мекунанд. Боғ, ба хусус дар рӯзҳои хотира чун имрӯз серодам мешавад.

Мувофиқи анъанаи солҳои охир роҳбари давлат ба пояи ёдгории «Қасидаи мардонагӣ» гулчанбар гузошт.

Ин ёдгории муҳташам рамзи азиятҳо, нохушиҳо, ҷасорат ва бохтҳое мебошад, ки халқи мо дар солҳои ҷанг аз сар гузаронидааст.

Бинобар маълумоти бойгонӣ аз 6,8 миллион аҳолии умумии мамлакат тақрибан 2 миллион дар ин муҳорибаҳои хунин бар муқобили фашизм иштирок кардаанд. Анқариб 540 ҳазори онҳо фавтида, 158 ҳазор нафарашон гумном шудаанд, зиёда аз 50 ҳазор нафар аз азобҳои тоқатнопазир дар конслагерҳо ба ҳалокат расида, беш аз 60 ҳазор нафар аз фронтҳо маъюбу ногиро баргаштаанд.

Дар бораи қаҳрамониҳои аскарону афсарони ўзбекистонӣ он санад шаҳодат медиҳад, ки 214 ҳазор нафари онҳо бо ордену медалҳои ҷангӣ мукофотонида шудаанд.

Солҳои ҷанг ҷумҳурии мо ба пойгоҳи муътамади ақибгоҳи фронт табдил ёфт: ба ҷангоҳҳо дар ҳаҷми бузург техника, яроқу аслиҳа, сару либос ва хӯроквориҳо фиристода мешуданд. Бо вуҷуди шароити бағоят мураккаб мардуми Ўзбекистон тақрибан 1,5 миллион нафар аз минтақаҳои ҳарбӣ ба ақибгоҳ кӯчонидашудагонро бо оғӯши кушод қабул кард, дар байни онҳо аз ҷумла 250 ҳазор нафар ятим ҳам буданд.

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

(Давомаш дар саҳ.2).

# МУБОРАКБОДИИ ИДОНА БА ХАЛҚИ ЎЗБЕКИСТОН

Ҳамватанони азиз!

Шумо, тамоми халқи сермиллатамонро бо ҷашни муқаддас – Рӯзи хотира ва қадр, ҳамчунин 80-умин солгарди Ғалабаи бузург дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ аз таҳти дил муборакбод намуда, ба ҳамаи шумо эҳтироми бузург ва ниятҳои неки худро ирсол медорам.

Дар ин лаҳзаҳои хурсандӣ ва ҳамзамон ғамангез мо падарону бобоёни худро, ки дар озодкунии инсоният аз фашизм саҳми сазовор гузаштаанд, ба хотир ва дар назди хотираи дурахшони онҳо сари таъзим фуруд меоварем.

Ба собиқадорони муҳтарами ҷанг ва меҳнат, ки алҳол бо сабақҳои ҳикматомези худ дар бунёди Ўзбекистони Нав фаъолона ширкат меварзанд, миннатдории махсус ва табрикоти худро изҳор менамоем.

Шубҳае нест, дар ин ҷашни зебо, ки муҳофизони ҳаёти орому осудаи моро васф мекунад, мо вазифа ва қарзи худ меҳисобем, ки ба хотираи ҷанговарони ҷасур, ки дар тӯли солҳои истиқлолият барои озодӣ ва фаровонҳолии Ватану халқи мо қаҳрамонона ҳалок шудаанд, сари таъзим фуруд оварем.

Дӯстони азиз!

Азобу душвориҳои вазнин, фоҷиа ва талафоти бемисле, ки Ҷанги дуюми ҷаҳонии дар таърихи инсоният аз ҳама харобиовар ба сари халқи ҷаҳон, аз ҷумла ба дӯши халқи мо овард, ҳеҷ гоҳ фаромӯш намешаванд.

**Ин солномаи ҷасорат ва қаҳрамонии ҳақиқӣ ба шумор меравад, ки азамати онро замон ифода карда наметавонад.**

**Мо барҳақ бо халқи тавонoямон, ки дар ғалабаи бузург саҳми муносиби худро гузоштааст, ифтихор мекунем.**

Солҳои охир ба шарофати тадқиқоти олимон ва мутахассисони мо саҳифаҳои то ҳол номаълуми таърихи Ҷанги дуюми ҷаҳон ошкор мешаванд.

Бинобар шаҳодати ҳуҷҷатҳо аз 6 миллиону 800 ҳазор нафар сокиноне, ки он замон дар ҷумҳурӣ зисту зиндагӣ доштанд, дар муҳорибаҳои хунини зидди фашизм тақрибан 2 миллион нафар иштирок карданд. Анқариб 540 ҳазори онҳо дар фронтҳо ҳалок шуданд, 158 ҳазор нафарашон гумном гардида, беш аз 50 ҳазор дар конслагерҳо азият кашиданд, зиёда аз 60 ҳазор нафар ба хонаҳои худ маъюбу ногиро баргаштанд.

214 ҳазор аскарону афсарони ўзбекистонӣ бо ордену медалҳои ҷангӣ мукофотонида шудаанд, 301 нафар сазовори унвони олии Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ, беш аз 70 нафар барандагони ҳар се дараҷаи ордени Шараф гардидаанд. Ҳамаи ин, бидуни шубҳа, ифодаи эътироф шудани ҷасорат ва қаҳрамонӣ, зуҳуроти шуҷоати ҳамватанони мо дар фронтҳои ҷанг ба шумор меравад.

Боз як саҳифаи фаромӯшнопазири он замони ноором ин аст, ки Ўзбекистон солҳои ҷанг ба ақибгоҳи муътамад табдил ёфта буд, ки ба фронтҳо аз ҷумҳурӣ фиристондани техникаи зиёди ҳарбӣ, яроқу аслиҳа, доруворӣ, сару либос, хӯрокворӣ ва дигар маҳсулоти заруриро таъмин менамуд.

Аз ноҳияҳои наздифронтӣ ба ҷумҳурии мо беш аз 170 заводу фабрика кӯчонида шуданд, дар муҳлати кутоҳ 280 корхонаи нав бунёд гардид.

Халқи мо, ки тамоми мушкилоти замони ҷангро дар худ эҳсос карда буд, тақрибан 1 миллиону 500 ҳазор одамони ба Ўзбекистон аз ҳудудҳои дар коми оташрафта кӯчонида шуда буданд, ҷой дод, нисбати онҳо меҳру муҳаббати самимӣ зоҳир кард, дар байни онҳо аз ҷумла 250 ҳазор кӯдакон низ буданд, ки аз волидайни худ ятим монда буданд.

Имрӯз ин санадҳоеро, ки ба китоби таърих барои як умр ворид шудаанд, бори дигар ба хотир оварда, мо аз башардӯстӣ, сифатҳои олии инсонпарварии халқи кушодадилу ҳимматбаландамон, ки дар ҳама гуна вазъият ба эътиқоди некӯи худ содиқ мондааст, барҳақ ифтихор мекунем.

Ҳамватанони азиз!

Солҳои охир мо бобати амиқ омӯхтан ва ба ҷомеаи васеъ шинос кардани ҳаёту фаъолияти гузаштагони қаҳрамони худ, намунаҳои ҷасорат ва устувории онҳо,– ҳамчунин тарбияи насли наврас дар рӯҳи ин анъанаҳои пуршараф корҳои азимеро татбиқ менамоем.

Дар ин бобат боғи Ғалаба, ки дар Тошканд бунёд шудааст, боғҳои «Ватанпарвар» дар минтақаҳо нақши бағоят муҳим доранд. Дар муҳлати кӯтоҳ онҳо барои шаҳрвандони мо ва меҳмонони хориҷӣ ба зиёратгоҳ табдил ёфтанд.

Маҷмӯи **«Миллат фидоилари»** («Фидоиёни миллат»), ки ба шарафи муҳофизони Ватан дар ҳудуди боғи Ғалаба ба сифати идомати корҳои мо дар самти мазкур бунёд шудааст, аҳамияти бағоят муҳим дорад.

Бовар дорам, ки ин ёдгорӣ, ки дар он номи садҳо хидматчиёни ҷасури ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳуқуқу тартибот бо ҳарфҳои заррин сабт шудаанд, боз як мавзеъи муқаддасе мегардад, ки ҳамватанонамон онро бо ҳисси ифтихор дар қалбҳояшон зиёрат мекунанд.

Дӯстони муҳтарам!

Алҳол раванди хайри **«Барои инсон, барои бахту саодати инсон»** ба ҳаёти мо торафт амиқтар ворид мегардад.

Ба ҳар кадом иштирокдор ва ногирои Ҷанги дуюми ҷаҳон супурдани мукофоти якдафъаинаи пулӣ дар ҳаҷми 10 ҳазор доллари ИМА, ба шахсони ба ин табақа баробаркардашуда додани 25 миллион сӯмӣ, ба иштирокдорони фронти меҳнатӣ 3 миллион сӯмӣ ва медали ҷашнии «Иккинчи жаҳон урушидаги Ғалабанинг 80-йиллиги» боз як зуҳуроти амалии чунин эътибору ғамхорӣ нисбати собиқадорони муҳтарами мост.

Ба собиқадорон ва ногироёни ҷанг хидматҳои тиббӣ ва иҷтимоӣ, аз ҷумла патронажӣ расонида мешаванд. Мувофиқи хоҳишашон онҳо дар шифохонаҳо табобат мегиранд.

Дар ин рӯзҳои хурсандӣ халқи мо муйсафедон, собиқадорони муҳтарами ҷанг ва меҳнатро зиёрат мекунанд, дуои онҳоро мегиранд.

Бо иштироки роҳбарони вазоратҳо, идораҳо ва созмонҳои дахлдор, қисмҳои ҳарбӣ зиёрати собиқадорони ҷангу меҳнат, аъзои оилаи хидматчиёни ҳарбӣ ва ходимони мақомоти ҳуқуқк тартибот, ки дар солҳои истиқлолият ҳангоми иҷрои вазифаи хидматии худ ҳалок шудаанд, ташкил карда, ба онҳо кумак ва ёрии зарурӣ расонида мешаванд.

Бидуни шубҳа, мо дар назди ин ашхоси беназир, ки ҳаёти худро фикр накарда, барои сулҳу салоҳ ва озодии ҳолоинаи мо дар хатар гузоштаанд, ҳамеша қарздор ҳастем. Ба онҳо минбаъд низ аз ҷониби давлат ва ҷамъиятамон меҳру муҳаббат ва ғамхорӣ зоҳир карда хоҳад шуд.

Ҳамватанони муҳтарам!

Дар замони кунунии бағоят мураккаб ва ташвишовар ҷасорат ва шуҷоати падарону ниёгони мо – қаҳрамоние, ки  онҳо дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон зоҳир кардаанд, дар тарбияи ҷавонони ҳамаҷониба пешрафта, дар мамлакат ҳифз намудани сулҳу салоҳ, кушодадилии байнимиллӣ ва байнидинӣ, ҳамчунин ҳамдилӣ намунаи ибрат аст ва манбаи нируву рӯҳбаландӣ мегардад.

Бори дигар шумо, собиқадорони муҳтарам, тамоми халқамонро бо ҷашн самимона муборакбод менамоям, ба шумо сиҳҳату саломатӣ, некӯҳолӣ ва дар оилаҳоятон фаровонӣ орзу мекунам.

Бигузор дар кишвари мо ҳамеша сулҳу оромӣ ҳукмрон ва халқамон хушбахт бошад!

**Шавкат МИРЗИЁЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

# ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН БА ФЕДЕРАТСИЯ РУСИЯ ОМАД

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 8 май бо сафари корӣ ба шаҳри Маскав омад.**

Дар қароргоҳи барои роҳбари Ўзбекистон ҷудошуда  Сарвари кишвари моро муовини роҳбари Маъмурияти Президенти Федератсияи Русия Максим Орешкин ва муовини аввали Раиси Ҳукумат Денис Мантуров пешвоз гирифтанд.

Тибқи барномаи сафар  Президенти Ўзбекистон дар чорабиниҳои тантанавӣ ба муносибати 80-солагии Ғалаба дар Ҷанги дуюми ҷаҳон иштирок менамояд ва як қатор мулоқотҳои дуҷониба баргузор хоҳад кард.

**ЎзА.**

# ДАР ШАҲРИ ЛЁСДЕНИ НИДЕРЛАНДИЯ БАХШИДА БА ХОТИРАИ ҲАМВАТАНОНИ МО, КИ ДАР ҶАНГИ ДУЮМИ ҶАҲОНӢ ҚУРБОН ШУДААНД, ОСОРХОНА КУШОДА ШУД

***Дар шаҳри Лёсдени Нидерландия, дар наздикии «Майдони шарафи советӣ» маросими ботантанаи ифтитоҳи осорхонаи «Soviet War Cemetery Experience» баргузор гардид. Осорхона ба ёди сарбозони шӯравӣ, ки қурбонии фашизм дар Ҷанги дуюми ҷаҳон шудаанд, бахшида шудааст, хабар медиҳад мухбири АИ «Дунё».***

Дар ин осорхона бо супориши Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон ва бо дастгирии молиявии Ҳукумати кишвар толори махсусе таъсис ёфтааст, ки ба 101 сарбози ўзбекистонӣ, ки дар ҷанг ҳалок шуда ва дар «Майдони шарафи советӣ» дафн гардидаанд, бахшида шудааст. Илова бар ин, дар назди даромадгоҳи асосии осорхона як ёдгории рамзӣ дар шакли 101 санги қабр сохта шудааст, ки аз қабристони шӯравӣ оварда шуда, хотираи сарбозони ўзбекистониро ҷовидона мекунад.

Дар маросими ифтитоҳ намояндагони расмии вазоратҳои корҳои хориҷӣ ва мудофиаи Нидерландия, шаҳрдорони шаҳрҳои Лёсден ва Амерсфорт, намояндагони намояндагиҳои дипломатии Арманистон, Озарбойҷон, Қазоқистон ва Ўзбекистон, пайвандони наздики сарбозони шинохташуда, ки дар «Майдони шарафи советӣ» дафн шудаанд, ихтиёриён ва ҷомеа ширкат варзиданд.

Дар ин чорабинӣ писар ва набераи Раим Саломов аз ноҳияи Хатирчии вилояти Навоии Ўзбекистон, ки дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба фашистҳо асир афтода, ҳалок шуда ва дар «Майдони шарафи советӣ» дафн шудааст, иштирок карданд.

Дар маросими ифтитоҳ котиби давлатии Вазорати корҳои хориҷии Нидерландия Кристиан Реберген аз талафоти бузурги Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ва оқибатҳои сангини он барои ҳаёти мардум, сарбозон ва оилаҳои онҳо ёдовар шуда, қайд кард, ки шуҷоат ва ҷонфидоии сарбозони шӯравӣ дар мубориза бо фашизм ва саҳми бузурги онҳо дар озодии имрӯзаи мардуми Нидерландия ҳеҷ гоҳ фаромӯш намешавад.

Дипломат ба аҳамияти таъсиси ин осорхона дар корҳои ҷовидонасозии хотираи сарбозони шӯравӣ, ки дар Нидерландия дафн шудаанд, то наслҳои оянда расондани маълумот дар бораи ваҳшонияти ҷанг ва зарурати пешгирии такрори он таваҷҷуҳ зоҳир намуд.

Ин дипломати нидерландӣ ба Ремко Рейдинг — директори Бунёди «Майдони шарафи советӣ», инчунин ба ҳамаи кишварҳои шарик, ки ташкили осорхонаро дастгирӣ ва маблағгузорӣ намудаанд, изҳори сипос кард.

«Кори шумо барои ҳифзи таърихи мо ва илҳомбахшии наслҳои оянда ҷиҳати идомаи омӯзиши сабақҳои гузашта аҳамияти бузург дорад», — таъкид намуд Кристиан Реберген.

(Давомаш дар саҳ.2).

# САҲМИ ХАЛҚИ МО ДАР ҒАЛАБА ИН СОЛНОМАИ ҶАСОРАТ ВА ҚАҲРАМОНИИ ҲАҚИҚӢ АСТ

(Аввалаш дар саҳ.1).

– Ҳамаи ин солномаи ҷасорат ва қаҳрамонии ҳақиқист. Мо бо мардуми ҷасури худ, ки дар чунин Ғалабаи душвор ва пуршараф саҳми сазовори худро гузоштааст, барҳақ ифтихор мекунем. Ин қаҳрамонӣ набояд фаромӯш гардад, ин санадҳо бояд ба ҷавонон расонида шаванд. Ин ҷиҳат дар замони пурташвиши кунунӣ, ба хусус муҳим мебошад. Ҳар кадоми мо бояд ҳар рӯз ба ҳифзи Ватан тайёр бошем, – таъкид кард Шавкат Мирзиёев.

Мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 19 феврал дар мамлакат 80-умин солгарди Ғалаба дар Ҷанги дуюми ҷаҳон ва Рӯзи хотираву қадр васеъ қайд карда мешавад. Онҳое, ки ҳаёти худро барои зиндагии осудаҳолонаи насли оянда қурбон кардаанд, бо ҳурмату эҳтиром ёд карда мешаванд. Ба собиқадорони меҳнат ва пироне, ки алҳол зиндаву саломатанд эътибори махсус дода мешавад, нисбати онҳо ғамхорӣ зоҳир мегардад.

Дар маросим намояндагони Нируҳои Мусаллаҳ, созмонҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, фаъолони маҳаллаҳо ва пирони мўҳтарам иштирок карданд. Иштирокдорон ба пояи ёдгорӣ гул гузоштанд.

Роҳбари давлат ҳамчунин композитсияи «Чароғи хотира»-ро, ки дар боғ гузошта шудааст, зиёрат кард. Он ба ҷасорати ӯзбекистониёне, ки дар фронтҳо ҷангиданд, дар ақибгоҳ меҳнат кардаанд, бахшида шудааст. Ёдгорӣ дар шакли ду паррандаи парвозкунанда тасвир гардидааст, ки рамзи идомати наслҳо мебошад.

Композитсия мероси таърихӣ ва санъати кунуниро муттаҳид менамояд. Бо истифода аз коди QR, ки дар ёдгорӣ ҷойгузин шудааст, зиёраткунандагон метавонанд дар бораи маҷмӯа ва қаҳрамонони ҷанг маълумот гиранд ва китоби «Чароғи хотира»-ро боргирӣ кунанд.

Президент Шавкат Мирзиёев аз Хиёбони қаҳрамонони миллии Боғи Ғалаба боздид ба амал овард.

Ёдгории мазкур, ки бо ташаббуси роҳбари давлати мо бунёд шудааст, ба хотираи хидматчиёни ҳарбӣ ва ходимони ҳуқуқу тартибот бахшида мешавад, ки ҳаёти худро барои ҳифзи кишвари мо дар тӯли солҳои истиқлолият қурбон кардаанд.

Аз баландӣ маҷмӯъ дар шакли ҳилол ва дувоздаҳ ситора чун дар парчами давлатии Ӯзбекистон падидор мегардад. Қирраҳои ситораҳои баландиашон тақрибан ду метр ба сифати лавҳаҳои ёдгорӣ хидмат мекунанд, ки дар онҳо бо ҳарфҳои заррин номи 196 қаҳрамон сабт гардидаанд. Дар шафати онҳо мониторҳо гузошта шудаанд, ки дар онҳо маводҳои аккосӣ ва видеоӣ оид ба ҳаёти ин одамон: бачагии онҳо, орзуву ормонҳо, хидмат, оилаҳояшон намоиш дода мешаванд. Дар ин ҷо нафақат номҳо, балки дар пешрӯи ҳар як тамошобин сарнавишти инсонии ҳар кадоми онҳо қарор мегиранд.

Ҳилол ба хиёбон шакли амфитеатри муъҷазро медиҳад, аз қисмати болоии он об ҷорист, ки рамзи покӣ мебошад. Ин консепсияи бадеиро композитсияи ёдбуд анҷом медиҳад: дар марказ симои падару модароне тасвир шудааст, ки писарони худро ба хидмати ҳарбӣ гуселонидаанд. Дар паҳлӯҳо сурати намояндагони Вазорати мудофиа, Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати оид ба вазъиятҳои фавқулода, Суди олӣ, мақомоти прокуратура, Хидмати амнияти давлатӣ, Кумитаи гумрук ва Гвардияи миллӣ ҷой доранд.

Президент бо оилаи хидматчиёни ҳарбии фавтида мулоқот кард.

– Ҳар сол мо ба ин ҷо меоем, то ки талафоти Ҷанги дуюми ҷаҳонро ба хотир оварем. Акнун дар ин ҷо ёдгории мазкурро ҳам ба хотири дар тӯли солҳои истиқлолият фавтидагон ташкил додем. Ин кори хайр аст, зеро онҳо низ қаҳрамонони миллии мо мебошанд. Аз ин рӯ мавзеи мазкур аҳамияти махсус дорад. Ин дарки махсусияти худ, ин эҳтиром нисбати инсон аст, – қайд кард Шавкат Мирзиёев.

Роҳбари давлат ба оилаи муҳофизони Ватан эҳтироми амиқ изҳор намуд.

– Инҳо писарони диловари халқ мебошанд, ки ҳаёти худро фикр накарда, ба вазифаи худ содиқ монданд ва баҳри осудагии одамон ҷонашонро фидо намуданд. Дар он ки алҳол осмони кишвари мо орому мусаффост, хидмати бузурги онҳо ҳаст. Оила ва наздикони эшон бояд донанд: онҳо ҳамеша бо мостанд, номҳояшон дар қалбҳои мо боқист. Ман дар назди падару модарон, ҳамсарони ин ватандӯстон сари таъзим фуруд меорам. Бигузор фарзандони онҳо сазовори падарони қаҳрамони худ бошанд, гуфт Президент.

Зарурияти баргузор кардани чорабиниҳои ёдбуд дар ноҳияҳое, ки қаҳрамонони миллӣ таваллуд шудаанд, ба насли ҷавон дар бораи диловарии онҳо нақл кардан, навиштани асарҳо оид ба қаҳрамониҳои онҳо, ки намунаи ҷоннисорист, таъкид гардид.

Президент Шавкат Мирзиёев ҳамчунин аз иштирокдорони Ҷанги дуюми ҷаҳон ва фронти меҳнат боздид ба амал овард. Дар мулоқот роҳбари давлат онҳоро бо ҷашн табрику муборакбод намуд.

Пеш аз ҳама, шумо ва дар шахси шумо ҳамаи собиқадорони муҳтарамамонро бо 80-умин солгарди Ғалаба муборакбод менамоям. Аз номи тамоми халқамон ба шумо миннатдории амиқ изҳор менамоям. Ба шарофати қаҳрамониҳои шумо насли кунунӣ орому осудаҳолона зиндагӣ мекунад. Мо бояд аз тариқи шумо қадри сулҳу салоҳро то ба ҷавонон расонем. Тамоми ҳаёти шумо барои мо намунаи ибрат аст, ҳар як сухани шумо мактаби бузург, сарчашмаи ҳикмат мебошад. Бигузор Худованд ба шумо сиҳҳату саломатии мустаҳкам ва умри дароз ато намояд, то муддати мадид ифтихор ва такягоҳи маънавии мо боқӣ бимонед, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Собиқадорон барои эътибор ва эҳтиром ба хотираи таърихӣ, барои зуҳуроти ғамхорӣ нисбати насли куҳансол миннатдорӣ баён намуда, дуо карданд.

Мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 19 феврал ба иштирокдорон ва ногиронҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон мукофоти якдафъаинаи пулӣ ба миқдори 10 ҳазор доллари ИМА, ба шахсони ҳуқуқашон ба онҳо мусовӣ 25 миллион сӯмӣ, ба иштирокдорони ҷабҳаи меҳнатӣ бошад, 3 миллион сӯмӣ пардохта мешавад.

Собиқадорони зиёд ҳамчунин бо медалҳои ҷашнии «80 соли Ғалаба дар Ҷанги дуюми ҷаҳон» мукофотонида шуданд.

Барои иштирокдорон ва ногироҳои ҷанг хидматҳои тиббӣ ва иҷтимоӣ, аз ҷумла нигоҳубини патронажӣ ташкил гардидаанд. Бинобар хоҳиши худ онҳо метавонанд дар шифогоҳҳо табобат гиранд.

Бо иштироки роҳбарони вазоратҳо, идораҳо, созмонҳои соҳавӣ ва қисмҳои ҳарбӣ истиқболи собиқадорони ҷангу меҳнат, ҳамчунин оилаи хидматчиёни ҳарбӣ ва ходимони мақомоти ҳуқуқу тартибот, ки ҳангоми иҷрои вазифаи хидматии худ дар солҳои истиқлолият фавтидаанд, ба роҳ монда мешавад. Ба онҳо кумаки ҳамаҷониба ва дар масъалаҳои маишӣ ёрии доимӣ расонда мешаванд.

**ЎзА.**



*Соли равон дар 6950 гектар замини ноҳияи Учқӯрғони вилояти Намангон ғалладона парвариш карда мешавад.*

*Барои мавсими ҷамъоварии ғалларо пурсамар ва муташаккилона гузаронидан 31 отряди махсус ташкил карда шудааст. Ба онҳо 31 адад комбайнҳои ғалладаравӣ ва 155-то мошинҳои боркашон вобаста мебошанд. Ба мақсади барои комбайнронҳо ва аъзои отряд шароити мусоид фароҳам овардан бошишгоҳҳои сайёр ташкил гардиданд.*

*Техникаи мавҷуда аз ҷониби Гурӯҳи кории вилоят аз назорат гузаштанд.*

***Дар сурат:** лавҳае аз тадбирҳо.*

***Суратгир: Ҳ.МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).***

## *Дар нигористон*

# ПАРВОЗ

Дар Хонаи фотосуратҳои Тошканд, дар доираи Ҷашнвораи анъанавии байналхалқии санъати тасвирӣ ва амалии Фарҳангистони бадеии Ӯзбекистон, бо ташаббуси факултаи санъати тасвирӣ ва кафедраи санъат ва дизайни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Чирчиқ, бино бо анъанаҳои «Устод ва шогирд», намоишгоҳ бо номи «Парвоз» ташкил карда шуд. Дар он ҷо корҳои эҷодии омӯзгорон, рассом ва донишҷӯёни соҳибистеъдоди кафедраи санъат ва дизайни факултаи мазкур, аз қабили расмкашӣ, графика, ҳайкалтарошӣ, кулолгарӣ ва гулдӯзӣ ба намоиш гузошта шуданд.

«Ватани ман», «Диёри модар», «Шоми Чорбоғ», «Модар», «Оила», «Модари куҳансол», «Алишери Навоӣ», «Тирамоҳи Хумсон» ва дигар намунаҳои эҷодӣ, ки дар экспозитсия ҷой доранд, диққати мухлисони санъатро ба худ ҷалб намуданд.

**Ҳасан АБДУНАЗАРОВ.**

# КОРКАРДУ ҶУДОСОЗИИ ПАРТОВҲО – ТАЛАБОТИ ЗАМОН

***Солҳои охир ба туфайли афзоиши ҳаҷм ва суръати истифодаи захираҳои табиӣ, таъсири инсон ба табиат рӯз то рӯз зиёд мешавад. Ин ҳолат, дар навбати худ, боиси пайдоиши як қатор мушкилот мегардад. Аз ҷумла, мисли дигар кишварҳои ҷаҳон, дар Ӯзбекистон низ масъалаи коркарди партовҳои маишии сахт ба мавзӯи муҳими рӯз табдил ёфтааст.***

Баланд шудани қобилияти харидории маҳсулоти бастабандишуда дар шабакаҳои савдо сабаби зиёд шудани ҳаҷми партовҳои маишии сахт мегардад. Урбанизатсия низ ба зиёд шудани партовҳо таъсир мерасонад ва масъалаи ҷамъоварӣ, коркард ва безараргардонии онҳо дар баъзе минтақаҳо то ҳол ҳалли худро наёфтааст.

Дар ин замина, бояд қайд кард, ки дар аксар ҳолатҳо полигонҳои партов нигаронкунанда аст. Онҳо ба талаботи санитарӣ ҷавобгӯ нестанд, ки ба саломатии аҳолӣ, амволи шахсӣ ва захираҳои табиӣ хатар эҷод мекунад ва норозигии шаҳрвандонро ба миён меорад.

Бо мақсади ба тартиб овардани муносибатҳо дар ин соҳа, 26 марти соли 2025 Фармони сарвари давлат «Дар бораи чорабиниҳои минбаъд такмил додан ва ба низом даровардани соҳаи коркарди партовҳо» ба имзо расид.

Мутобиқи ин ҳуҷҷат, инҳо ба сифати самтҳои асосии соҳаи коркарди партовҳо муайян шудаанд:

— беҳтарсозии куллии ҳолати полигонҳои мавҷудаи партовҳои маишии сахт ва то соли 2030 ба 50 фоиз кам кардани онҳо;

— партовҳои навҳосилшударо ба партовгоҳҳо набаровarда, ҷорӣ кардани ҳарчи бештар азкоркард ё сӯзондани онҳо, инчунин татбиқи иқтисодиёти даврагӣ дар соҳа;

— бар асоси принсипи «партови сифр», ба берун аз шаҳр баровардан ва аз нав кор кардани партовҳои маишӣ, ташкил кардани минтақаҳои махсус барои тавлиди нерӯи сабз ва маҳсулоти дигар аз партовҳо.

Ҳамчунин, дар доираи Агентии идоракунии партовҳо ва рушди иқтисодиёти даврагии назди Вазорати экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим, дар ҳудуди полигонҳои партовҳо минтақаҳои саноатии махсусгардонидашуда барои коркард ва безараргардонии партовҳо таъсис дода мешаванд.

Дар ҳудуди минтақаҳои саноати экологӣ бар асоси тамоюли «партови сифр», лоиҳаҳое, ки ба ҷудокунии пурраи партовҳо, коркарди дубора ва истеҳсоли маҳсулоти дуюмдараҷа ва тайёр, инчунин татбиқи технологияҳои ба даст овардани энергияи алтернативӣ тавассути коркарди термикии партовҳо нигаронда шуда, арзиши онҳо аз 3 миллион доллари ИМА кам намебошанд, тавассути музокироти мустақим аз рӯйи интихоби беҳтарин пешниҳодҳо аз ҷониби Шӯрои ҳамоҳангсоз муайян карда мешаванд.

Фармони мазкур барои амалӣ гардонидани ислоҳоти соҳаи идоракунии партовҳо ва расидан ба ҳадафҳои рушди устувор, инчунин ҷорӣ намудани муносибатҳои нави ҳуқуқие, ки бар асоси принсипҳои бозорӣ ташкил шудаанд, хизмат мекунад. Он ба амал баровардани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандонро дар бобати фароҳам овардани шароити мусоиди муҳити зист кафолат медиҳад.

Дар ҳамин замина, агар ба корҳое, ки дар вилояти Фарғона анҷом меёбанд, муроҷиат намоем, метавон гуфт, ки бо мақсади таъмин кардани иҷрои саривақтии ин фармон, харитаҳои роҳи дахлдор аллакай таҳия шудаанд.

Бо мақсади пешгирӣ аз ҷамъшавии партовҳо дар полигонҳо дар вилоят, коҳиш додани таъсири манфӣ ба муҳити зист ва расидан ба тамоюли «партови сифр», чорабиниҳо оид ба таъсиси заводҳои сӯзондан ва компосткунии партовҳо ба роҳ монда шудаанд. Илова бар ин, сохтмони як корхона дар ҳудуди полигон ва заминҳои ҳамсояи он ба нақша гирифта шудааст, ки аз тариқи безараргардонии партовҳо энергияи алтернативии барқӣ истеҳсол хоҳад кард.

Ҳамчунин, тибқи қарори дахлдор 15 гектар замини ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи шаҳрвандии «Оқбилол» дар ноҳияи Фарғона ба Агентии идоракунии партовҳо ва рушди иқтисодиёти даврагӣ барои истифодаи доимӣ ҷудо карда мешавад.

Дар асоси маълумоти дар боло зикршуда, якҷо бо мутахассисони ширкати «China Everbright Group Ltd.» аз мавзеъҳои мувофиқ боздид ба амал оварда шуда, барои сохтмони заводи сӯзондани партовҳо ва компосткунии онҳо, қитъаи замини 10 гектарӣ аз заминҳои захираи давлатии ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Оқбилол» интихоб гардида, ба намояндагони ширкати «China Everbright Group Ltd.» бо мақсади мувофиқа пешниҳод шудааст.

Дар ҳақиқат, барои иҷрои босамари Фармон, намояндагони соҳа бо ҷидду ҷаҳд барои татбиқи чорабиниҳои дар харитаи роҳ пешбинишуда кор бурда истодаанд. Албатта, агар мо ҳама якҷоя барои тозагии муҳити зист мубориза набарем ва маърифати экологии шаҳрвандонро ривоҷ надиҳем, ба ҳадафҳои гузошташудаи худ ноил шуда наметавонем. Чунки табиат беэътиноиро ҳаргиз намебахшад.

**Гулчеҳра ҶӮРАЕВА,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**



# СИМОИ ШАҲРИ ҚӮҚАНДИ ЛАТИФ КУЛЛАН ТАҒЙИР МЕЁБАД

***Симои тоза касб намудани ин шаҳри куҳанбунёд беҳуда нест. Зеро шиори Президент «Халқи мо фардо не, имрӯз бояд зиндагии беҳтар дошта бошад» дар мисоли шаҳри Қӯқанд хеле равшан таҷассум ёфтааст. Сохтмонҳои васеъмиқёсе, ки имрӯз дар ин шаҳри бостонӣ сурат мегиранд, дар таърихи Ӯзбекистони Нав дида нашудааст. Илму технология рушд ёфта, ҷойҳоеро ба вуҷуд меоранд, ки солҳои зиёд барои некӯаҳволии мардум хидмат хоҳанд кард.***

Ҳар фарде аз шаҳри мо дидан кунад, шоҳиди он мегардад, ки тавассути кранҳои осмонбӯс, садҳо техника ва васоити дигари сохтмон қариб 100 бинои истиқоматӣ қомат рост намудаанд. Ҳамаи ин маҳз бо ташаббуси воқеии Сарвари давлатамон амалӣ гардида, сохтмонҳои азим ба вуҷуд меоянд.

Барномаи азнавсозӣ ва корҳое, ки шаҳрдории Қӯқанд ба асоси ҳидояти Президент дар маҷмааи «Ӯзбекистони Нав» амалӣ месозад, моҳиятан ҷавобгӯ ба ислоҳоте мебошад, ки дар кишвари соҳибистиқлоламон ба таври васеъ татбиқ мегарданд. Дар ин миён ба аҳолӣ низ фаҳмонида мешавад, ки анҷоми корҳои сохтмон дар асоси нақшаи муқарраргардида ба вуқӯъ мепайванданд ва барои фардои дурахшони онҳо, фарзандон ва наберагонашон ба роҳ монда шудаанд.

Масъулияти ба хонаҳои нав кӯчонидани ҳазорон нафар аҳолиро ҳокими шаҳр Маъруфҷон Усмонов бар ӯҳда дорад. Вай дар робита бо сифати манзилҳои сохташуда, ба масъалаҳои иртиботот, обу газу барқ ва ҳалли тамоми мушкилоти аҳолӣ ҳамчун шахси масъул бархурд менамояд, то ки дар оянда онҳо нороҳат нашаванд.

Сохтмони аввалин бинои серошёнае, ки дар асоси барномаи эъмор сохта шудааст, ба охир расида, корҳои пардоздиҳӣ оғоз ёфтаанд. Ба қарибӣ ба ин манзилҳои замонавӣ шаҳрвандоне мекӯчанд, ки пештар дар хонаҳои кӯҳнаву фарсудаи шаҳр зиндагӣ мекарданд. Бинои 8 ошёна дорои 120 квартираи 1, 2 ва 3 ҳуҷрадор онҳоро ба канор хоҳад пазируфт. Дар биноҳои баландошёна лифтҳои замонавӣ гузошта шудаанд.

Дар ду бинои серошёнаи дигар низ корҳои сохтмон идома доранд. Ҳарчанд сохтмони ин биноҳо ба наздикӣ оғоз шудааст, корҳо бо суръат пеш мераванд, то ки дар вақти муқарраршуда хонаҳо ба соҳибонашон супурда шаванд.

Дарҳақиқат, маҳз дар доираи ташаббусҳои Сарвари давлатамон аҳолие, ки дар ин ҷо зиндагӣ мекунад, ба ҷои хонаҳои кӯҳна дар биноҳои замонавӣ соҳиби манзил хоҳанд шуд.

**Улуғбек НОРБОЕВ,**
**котиби мабуоти ҳокими шаҳри Қӯқанд.**

# ДАР ШАҲРИ ЛЁСДЕНИ НИДЕРЛАНДИЯ БАХШИДА БА ХОТИРАИ ҲАМВАТАНОНИ МО, КИ ДАР ҶАНГИ ДУЮМИ ҶАҲОНӢ ҚУРБОН ШУДААНД, ОСОРХОНА КУШОДА ШУД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Директори Бунёди «Майдони шарафи советӣ» ва асосгузори осорхона Ремко Рейдинг суханронии худро дар маросими ифтитоҳ бо байтҳое аз мутафаккири бузурги ӯзбек, арбоби давлатӣ ва шоир Алишер Навоӣ оғоз кард, ки мардумро ба даст кашидан аз душманӣ ва табдил ёфтан ба дӯстон даъват мекунад.

Ремко Рейдинг бо қаноатмандӣ изҳор дошт, ки ин осорхонаи нодир дар натиҷаи таҳқиқоти тӯлонӣ ва заҳмати зиёд таъсис ёфтааст. Ӯ ба саҳми бузурги сарбозони шӯравӣ дар пирӯзӣ бар фашизм дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ишора намуда, таъкид кард, ки талафоти онҳо чандин маротиба бештар аз талафоти кишварҳои ғарбӣ буд.

«Ба шарофати ин лоиҳа, қиссаҳо дар бораи шуҷоат ва хотираҳои сарбозони шӯравӣ ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳанд шуд», — гуфт асосгузори осорхона.

Ӯ ба ҳамаи шариконе, ки дар таъсиси осорхона бевосита мусоидат карданд, бахусус ба Ҳукумати Ӯзбекистон барои кумаки молиявӣ изҳори сипоси махсус кард. Ин муҳаққиқ таъкид намуд, ки кори худро оид ба шиносоии сарбозоне, ки дар «Майдони шарафи советӣ» дафн шудаанд, идома хоҳад дод.

Баъд аз маросими ифтитоҳ барои меҳмонон сайри осорхона ташкил карда шуд. Дар доираи ин чорабинӣ, меҳмонон бо намоишгоҳҳои ташкилшуда, аз ҷумла бо толоре, ки ба 101 сарбози ӯзбекистонӣ бахшида шудааст, шинос гардиданд. Онҳо ҳамчунин расмҳо ва наворҳои видеоиро, ки дар бораи ваҳшониятҳои ҷанг қисса мекунанд, тамошо карданд.

Дар мусоҳиба ба хабарнигори АИ «Дунё» **директори Бунёди «Майдони шарафи советӣ» ва асосгузори осорхона Ремко РЕЙДИНГ** чунин иброз дошт:

— Бисёр сарбозони ӯзбек, ки дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ҳалок шудаанд, дар «Майдони шарафи советӣ» дар Нидерландия дафн гардидаанд.

Имрӯз мо дар шаҳри Лёсден осорхонаеро ифтитоҳ кардем, ки дар он дар бораи сарбозони ӯзбекистонӣ, ки ҷони худро барои озодии Аврупо, аз ҷумла Нидерландия, фидо кардаанд, маълумот пешниҳод мешавад.

Мо хурсандем, ки таъсиси ин осорхона дастгирии васеъ пайдо кард. Мо, хусусан ба Ҳукумати Ӯзбекистон барои кумаки бузурге, ки дар амалӣ намудани ин лоиҳа расонид, изҳори сипос менамоем. Ба шарофати ин дастгирӣ осорхонаи аҷибе сохта шуд, ки ба ёди сарбозони ӯзбекистоние бахшида шудааст, ки дар Нидерландия дафн шудаанд.

Умедворам, ки дар оянда ҳамватанони зиёд аз Ӯзбекистон ба ин ҷо меоянд, то шахсан бо экспозитсияҳои осорхона шинос шаванд.

**Элёр САЛОМОВ, набераи Раим Саломов, ки яке аз 101 сарбози дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ҳалокшуда ва дар «Майдони шарафи советӣ» дафншуда мебошад,** чунин гуфт:

— Имрӯз мо дар шаҳри Лёсден қарор дорем, то дар маросими ифтитоҳи осорхонае бахшида ба хотираи сарбозони шӯравӣ, ки дар Ҷанги дуюми ҷаҳон ҳалок шудаанд, иштирок намоем.

Бобои мо Раим Саломов низ дар он солҳо ба асир афтода, дар ҳамин ҷо ҳалок шудааст. Назди ӯ номае ба нишонии Ӯзбекистон пайдо карда шуд, ки ба мо имкон дод бифаҳмем, ки бобои мо дар ҳамин ҷо дафн шудааст. Таҳқиқоте, ки аз ҷониби Ремко Рейдинг, директори Бунёди «Майдони шарафи советӣ» анҷом дода шуд, дар ин кор нақши бузург бозид. Мо ба Ҳукумати Ӯзбекистон барои дастгирии бузурге, ки дар ифтитоҳи ин осорхонаи таърихӣ расонд, миннатдорем.

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри ЛЁСДЕН.*

# ОШНОӢ БО ШОИР ВА ТАРҶУМОНИ МОҲИР

Банда охирҳои моҳи декабри соли 2024 ва аввалҳои моҳи январи соли 2025 бо роҳхати шуъбаи кор бо маъюлӯлони ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё дар осоишгоҳи табобатии «Нуронихо»-и Тошкандшаҳр, ба мақсади табобату истироҳат, муваққатан сокин шудам.

Ҳангоми дар он ҷо будан, тасодуфан ба инсоне ошно гаштам, ки қисматаш маро бефарқ нагузошт ва сабаби ба қалам овардани ин навишта шуд.

Ин шахсият Олими Бӯрӣ (Олимҷон Бӯриев) шоир, тарҷумон, олим, донандаи хуби илмҳои диниву дунявӣ, таърихдону таърихнигор буд.

Ӯро ба ман ҳамхонаам муаррифӣ намуд. Гуфт: «Медонӣ он нафаре, ки ман ба ӯ суҳбат доштам, кист? Гуфтам: «На, кӣ буд?» Гуфт: Олимҷон Бӯриев ном дорад, шоир асту тарҷумон ва китобҳои зиёде навиштааст. Ин аст рақами телефонаш...

Ба ӯ занг задам ва аз таълифоташ пурсон шудам. Гуфт, ки китобҳояш дар фонди китобхонаи масҷиди маҳалла мавҷуданд...

Банда арз намудам, ки албатта барои мутолиа мегирам, вале мехостам моли худам бошанду бо худ бубарам. Чун аз шахсияти банда пурсон шуд, гуфтам, ки даъвои шоирӣ надорам, омӯзгори эҷодкорам... Осон барои худ менависам...

Ростӣ, хурсанд шуд ва гуфт: «Пас аз 20 дақиқа мехостам як нусхагӣ аз китобҳои навишта ва тарҷумакардаам, ки дар хона дорам, ба шумо тақдим кунам...» Манзили истиқоматии ӯ ба осоишгоҳ наздик буд. Дар вақти таъиншуда ҳозир шуд. Дар дасташ бастаи калони китоб дошт. Суҳбатамон қариб як соат тӯл кашид. Дарёфтам, ки дар эҷод шахси тасодуфӣ нест...

Таъриху сиёсатро низ хуб дарк мекунад, ҳуқуқи худро медонад, хеле ҷасуру қавиирода.

О. Бӯриев як баста китоби худро тақдими банда намуд, ки дар байнашон китобе ба номи «Тақдир ё худ китоблар қамоқдан чиқарилди» низ буд. Он баёнгари роҳи зиндагиву эҷоди ин шахсияти эҷодкорро мухтасар бошад ҳам, ба хонанда тавзеҳ медод...

Олимҷони Бӯрӣ 15 апрели соли 1954 дар ноҳияи Ваҳдати имрӯзаи Тоҷикистон таваллуд шудааст. Таҳсили ибтидоиро дар ватанаш гирифта, барои гирифтани маълумоти олӣ соли 1972 озими Тошкандшаҳр мешавад. Аз соли 1979 инҷониб шаҳрванди Ӯзбекистон аст. Соҳиби оила ва се нафар фарзанд, дар чанд идораи илмиву адабӣ ва нашриётҳо адои вазифа намудааст... Ҳоло даври пирӣ меронад. Муаллифи 36 асари бадеӣ ва тарҷумаҳост, ки ҳамагӣ қимати илмӣ, динӣ, тарбиявӣ ва таърихӣ доранд. Китобҳои «Қуръоннома», «Сарвари олам (с.а.в)» , «Маснавии нур», «Чаҳор китоб», «Шавкатнома»-и ӯ ба таври бояду шояд тарғиб нашудаанд.

Бояд таъкид намуд, ки ба таълифоти шоир ва тарҷумон О.Бӯрӣ арбобони саршиноси илму адаб Акмал Саидов, Азиз Қайюмов, Убайдулло Уватов, Наҷмиддин Комилов, Шайх Абдулазиз Мансур ва дигарон баҳои баланд дода, аҳамияти онҳоро дар тарбияи ахлоқии ҷомеа зикр намудаанд.

Аз гуфтору рафтори О.Бӯрӣ бармеояд, ки ӯ ба худ ва эҷоди худ боварӣ дорад.

Ба қавли Бозор Собир:

*Агар устоди шоир шоире буд,*
*Ки ӯро гашт дар устодӣ раҳбар.*
*Ман он шоир, ки устоде надорам,*
*Равон шуд шеъри ман аз шири модар.*

Чунин ба назар мерасад, Олимҷон Бӯрӣ ин байти Ҷалолуддини Румиро шиори зиндагии худ қарор додааст:

*Не, машав навмеду худро шод кун,*
*Пеши он фарёдрас фарёд кун.*

Табобат ва истироҳати инҷониб дар осоишгоҳи «Нуронихо» табъи дил гузашт. Аз суҳбати пурбору пурҳикмати Олимҷон Бӯрӣ баҳра бардоштам. Барилова ғизои маънавӣ – китобҳои хондании ӯро бо худ ба Сурхондарё овардам. Онҳоро варақ мезанаму байти шоире ба ёд меояд, ки фармудааст:

*Афсӯс, ки мо зиндабузургон нашиносем,*
*Он рӯз шиносем, ки гӯянд, куҷо шуд?*

**Муҳаммадсафои ВАФОЗОД,**
**сокини маҳаллаи Нилуи ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё.**

*Андеша*

# ДУОИ БАД НАКУНЕД

Ҳар гуна дуо он хоҳ нек бошад ва хоҳ бад, агар ҳақ аст, мустаҷоб ва агар ноҳақ бошад, ба дуокарда бармегаштааст. Аз ин рӯ мо набояд ноҳақ дуои бад кунем, балки, ҳатто мо ҷабркардаро бубахшем, зеро ин хислати инсони комил аст.

Як куҳансоли деҳаамон, ки писари хурди худро нозпарвар тарбия карда буд, ба як духтари соҳибмаълумоти деҳа хонадор кард. Писараш, ки дар магистратура мехонд, дасташро ба оби хунук ҳам намезад, ба корҳои хоҷагии оила кордор намешуд. Арӯси ҷавон ҳам дар беморхона кор мекарду ҳам баъди аз кор омадан бо нигоҳубини гову мол ва зироатҳои наздиҳавлӣ машғул мешуд. Азбаски фарзандҳои калонии ин оила баъди мактаби миёна нахонда буданд, падар бо писари хурдӣ мефахрид.

Писари нозпарвар баъди се-чор моҳи оиладорӣ ҳамсарашро «аз ту бӯйи гову мол меояд» гуфта, сарзаниш мекардагӣ шуд.

Оҳиста-оҳиста муносибати зану шавҳари ҷавон вайрон гардид. Ҳатто баъди духтардор шудан ҳам эркаи хонадон «ту писар не, духтар таваллуд кардӣ», гуфта занашро таъна мекард.

Оқибат арӯс кӯдакашро бардошта ба хонаи падар рафт. Ва оилаи ҷавон вайрон шуд. Падару модари домод айбро ба арӯс бор карда, ӯро ҳамеша дуои бад мекарданд.

Аз байн фурсате гузашту он писари нозпарвар дубора хонадор гардид ва баъди як сол боз духтардор шуд. Пас аз ин, инак беш аз даҳ сол аст, ки занаш дигар таваллуд накард.

Арӯси собиқ бошад, ба шавҳар баромад ва соҳиби ду писар гардид.

Ин воқеа моро водор мекунад, ки қаҳру итоби худро лаҷом занем, ҳаргиз дуои бадро нисбати дигарон, ҳатто аз онҳо бадӣ ҳам дида бошем, раво набинем. Зеро беҳуда фариштаҳо ҳам ба сухани нек ва ҳам ба сухани бад «омин!», – мегӯянд, нагуфтаанд.

**Назирҷон ЭРГАШЕВ,**
ноҳияи Чуст.



*Роҳбари шуъбаи Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ дар вилояти Бухоро М. Пардаева, ходимони бахши шаҳрии он, ҳамчунин мутахассиси бахши вилоятии Шӯрои ҷамоатии назди Вазорати мудофиаи ҷумҳурӣ, майори мустафъӣ С. Маҷидов, раиси Шӯрои собиқадорони раёсати Гвардияи миллӣ Ҷ. Шукуров ба хонаи сокини кӯчаи Ширбадан Кабизе Менсеитова, ки солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон азиятҳои конслагери фашистиро аз сар гузаронидааст, рафта, ӯро бо 80-умин солгарди Ғалаба табрику муборакбод намуданд, барояш умри дароз ва рӯзгори бофароғат хостанд.*

# НАМОИШГОҲИ КИТОБИ ТЕҲРОН

***36-умин Намоишгоҳи байналмилалии китоби Теҳрон аз 7 то 17 майи соли равон баргузор мешавад.***

Бино ба маълумоти ИСНА, бо истинод ба бахши равобити ҷомеаи Хонаи китоб ва адабиёти Эрон, сухангӯ ва муовини мудири намоишгоҳ Иброҳим Ҳайдарӣ гуфт, ки пас аз баррасии гузоришҳои коршиносон, аъзои Шӯрои сиёсатгузори 36-умин Намоишгоҳи байналмилалии китоби Теҳрон ба чунин хулоса омаданд.

Ҳамчунин бар асоси тасмими шӯро, қарор шуд, ки намоишгоҳ аз 7 то 17 майи соли ҷорӣ баргузор шавад.

Ҳайдарӣ дар идома гуфт, ки «Намоишгоҳи байналмилалии китоби Теҳрон» ба унвони мерос ва як рӯйдоди миллӣ, бар изофаи шодмонӣ ва шукуфоӣ, ки ба фарҳанги ин кишвар меорад, низ дар меҳвари таваҷҷуҳи аҳли адаб ва дӯстдорони фарҳанги кишварҳои дигар қарор дорад. Аз ин рӯ, дуруст ва ба таври бояду шояд гузаронидани он, вазифаи муассисаҳои фарҳангӣ ва ҳамаи ташкилотҳои ҳамкор мебошад.

Шоистаи таъкид аст, ки намояндагон аз Ӯзбекистони дӯст низ даъват шудаанд.

**Амирсаид КАРАМӢ,**
**ройзани фарҳангии сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Ӯзбекистон.**

# УСТОД ЧӢ ГУНА – ШОГИРД НАМУНА




Маълум, ки ҳар сол чун анъана барои муайян кардани сатҳи дониши хонандагон озмунҳои фаннӣ дар чаҳор зина баргузор мегардад. Дар рӯзҳои 25-26 марти соли ҷорӣ дар шаҳри Навоӣ аз фанни забон ва адабиёти тоҷик миёни донишомӯзони синфҳои ёздаҳум зинаи ниҳоии озмун гузаронида шуд. Дар он аз нӯҳ вилояти Ӯзбекистон 24 нафар хонандагоне, ки дар марҳилаи вилоятии озмун ғолиб омада буданд, иштирок намуда, байни ҳамдигар қувваозмоӣ карданд ва аз рӯи натиҷабардорӣ донишомӯзи мактаби миёнаи ҳамагонии рақами 38-уми ноҳияи Сариосиё Фарҳунда Искандарова ғолиби мутлақ дониста шуд.

Вақте ки ҳар як комёбӣ ва ё камбудии мактаберо таҳлил мекунем, қабл аз ҳама муҳити таълиму тарбияи он мактабро пеши назар меоварем. Зеро дар муҳити носозгор ҳеч гоҳ шогирдони баркамол ба воя намерасанд. Шогирдони тарбия кардаи ҳар як дабистон оинаи он мактабу устодони ӯст. Инро мо дар мисоли мактаби рақами 38-уми ноҳияи Сариосиё баръало дида метавонем. Ман аз соли 1992 инҷониб – замоне, ки дар рӯзномаи тоҷикии «Садои Сурхон»-и вилояти Сурхондарё кор мекардам, бо тақозои вазифа бо ин мактаб ҳамкорӣ мекунам. Ҷамоаи аҳлу муҳити созгор номи мактабро на танҳо дар ҳудуди ноҳияву вилоят, балки дар миқёси ҷумҳурӣ низ номвару шуҳратёр гардонидааст. Ин мактабро бо номи «Мактаби Абдуллоҳи Раҳмон» низ ба забон мегиранд. Зеро шодравон, шоири зиндаёд Абдуллоҳи Раҳмон муҳитеро дар мактаб фароҳам овард, ки имрӯзҳо шогирдонаш номбардори мактабанд. Ӯ на роҳбар буду на соҳибунвон, вале садҳо шогирдони тайёркардаи ӯ имрӯз роҳбаранду соҳибунвон. Яке аз шогирдони ӯ, омӯзгори соҳибтаҷрибаи тоифаи олӣ, Аълочии маорифи Ӯзбекистон Фарида Муҳиддинова мебошад, ки дар ҷодаи таълиму тарбия пайрави устоди худ буда, бо истифодабарӣ аз усулу таҷрибаҳои устод ва корбарии усулҳои нав имрӯзҳо пайиҳам ба натиҷаҳои назаррас ноил мегардад.

Фарида Муҳиддинова 1 октябри соли 1975 дар деҳаи зебоманзари Сариҷӯйи ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё ба дунё омадааст. Соли 1992 мактаби миёнаи таълими ҳамагонии рақами 38-умро бо медали нуқра хатм менамояд. Соли 1992 ба шуъбаи рӯзонаи бахши забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи давлатии педагогии шаҳри Душанбе дохил шуда, соли 1997 шуъбаи ғоибонаи факултети мазкурро бо баҳоҳои аъло тамом мекунад.

Соли 1993 ба мактаби миёнаи рақами 38 ба ҳайси омӯзгори фанҳои забон ва адабиёти тоҷик ба кор қабул карда мешавад. Солҳои 2008-2009 вазифаи мудири қисми илмии мактабро ба уҳда мегирад. Аз соли 2009 то имрӯз ҳамчун омӯзгори фанҳои забон ва адабиёти тоҷик фаъолият менамояд. Соли таҳсили 2008-2009 ғолиби озмуни «Муаллими сол» мегардад.

Солҳои тӯлонист, ки роҳбари иттиҳодияи методии фанҳои филологӣ ва иҷтимоиро ба уҳда дорад. Соли таҳсили 2021-2022 хонандаи дигари ӯ Нозанин Қурбонназарова дар синфҳои 9-11 дар зинаҳои ноҳиявию вилоятӣ иштирок намуда, ғолибияти мутлақро ба даст оварда, ба зинаи республикавӣ роҳхат мегирад. Соли таҳсили 2022-2023 дар олимпиадаи асосӣ аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар зинаи ҷумҳуриявӣ, ки дар ноҳияи Қуваи вилояти Фарғона баргузор гардид, шогирди Фарида Муҳиддинова – Нозанин Қурбонназарова сазовори ҷои дуюм мегардад.

**(Давомаш дар саҳ.4).**

*Ҳеч кас ва ҳеч чиз фаромӯш нашудааст*

***Дар ин рӯзҳо мардуми башардӯсти олам дар арафаи истиқболи 80-солагии Ғалаба бар фашизм қарор доранд. Ба ёд овардани ҷасорат ва қаҳрамонии ҷавононе, ки аз сад гул як гулашон нашкуфта ба майдони ҷанги хонумонсӯз сафарбар шудаанд, барои наслҳои имрӯза ҳам қарзу ҳам фарз мебошад. Зеро онҳо барои аз душман пок кардани хоки Ватани худ аз тири душман ба ҳалокат расидаанд ва ҷисми ҷавонашон тайи беш аз 80 сол дар оғӯши хоки бегона хуфтааст. Ҳатто маълум нест, ки аксари онҳо дар кадом майдони ҷанг кушта шудаанд ва турбаташон куҷо дафн шудааст.***

# ОРЗУҲОЕ, КИ БА ХОК РАФТААСТ

Ин ҷавонон ғайр аз ҷасорату мардонагӣ дар ин дунё аз худ ягон нишонаи дигар боқӣ нагзоштаанд. Қабрашонро низ касе аз пайвандонашон намедонад, то зиёрат кунад ва гулдастаеро болои он гузошта, дар ҳаққашон дуову фотиҳа фиристад.

Дуруст аст, ки номи онҳо дар саҳфаи таърихи кишвар бо хати заррин сабт ёфтааст, аммо аксарият намедонанд, ки онҳо чӣ инсонҳое буданд ва дар дил чӣ орзуву ормон мепарвариданд. Тавре ки калонсолон нақл мекарданд, даҳшатҳои ин ҷанг бисёриҳоро ба коми худ кашида, боиси қурбон шудани ҷавонони зиёд гардидааст.

– Як идда ҷавонон рӯзи фаровардани арӯс ба комиссариати ҳарбӣ даъват шудаанд ва ҳанӯз шаҳди висоли ёр начашида вориди ҷанг шудаанд. Ҷавонони дигар бо вуҷуди фарзанди танҳо будан ба майдони ҷанг сафарбар гардида, дере нагузашта хати сиёҳашон хонаводаҳоро ба мотам табдил додааст, – нақл мекард Саломатхонхолаи яксаду яксола, ки ҳамагӣ чанд моҳ муқаддам ин олами фониро падруд гуфт.

Дар бораи ҷанговарони зиёд очерку лавҳа ва мақолаҳо навиштаам, ки дар ноҳияи Сӯх зодаву парварда шудаанд. Хушбахтона, қисме аз ин ҷанговарон ба назди падару модар ва зану фарзандон баргаштаанд ва солҳои дароз машғули кору зиндагӣ шудаанд. Аммо дар айни ҳол нафаре ҳам аз ин ҷанговарон дар қайди ҳаёт нест.

«Қаҳрамони ду пайкор», «Мергани уқобчашм», «Ифтихори мардуми Ҳушёр ӯ» (дар бораи «Баҳодури тоҷик» Тешабой Одилов), «Аз Ҳушёр то Берлин» (дар бораи корнамоиҳои ҷангии соҳиби ордени «Шараф» Ҷӯрабой , «Шуҷоати Камолиддин» (дар бораи Камолиддин Раҳмонов), «Бародархондҳо», «Падар – ифтихори фарзандон» (дар бораи Наҷмиддин Шарофиддинов) аз ҳамин шумор мебошанд.

Дар бораи зодаи Сӯхзамин ва шаҳиди ҷанг, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Амиралӣ Саидбеков тахти унвони «Ҳиссае аз қиссаҳои як қаҳрамонписар» ва «Қаҳрамони ду сарзамин» матлаб дар рӯзномаи «Овози тоҷик» ба табъ расидааст. Ёдовар мешавам, ки вай аз ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлони Тоҷикистон ба майдони ҷанг сафарбар шудааст ва дар яке аз муҳорибаҳои шадид ҷони худро аз даст додааст. Барои корномаҳои бузург вай ба унвони олӣ – Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ сазовор гардидааст.

Як нуктаро қайд мекунам, ки дар бораи корномаи шаҳидони Ҷанги дуюми ҷаҳон, ки аз майдони муҳорибаҳои шадид барнагаштаанд, бояд маълумот гирдоварӣ кард ва навишт. Яке аз шаҳидони ҷанг бародари падарам – Мирасрор Аҳроров мебошад. Аз рӯи нақли падарам, баъди оғози ҷанг ҳарду бародар пешу ақиб ба майдони набард сафарбар шудаанд. Падарам дар мактаб машғули муаллимӣ будаанд ва ба далели нарасидани кадрҳои омӯзгорӣ тақрибан беш аз ним соли баъди ҷанг ба комиссариати ҳарбӣ даъват шудаанд.

– Барои он ки пеш аз ман бародарамро ба ҷанг нафиристанд, чанд бор ба унвони комиссари ҳарбӣ бо ариза муроҷиат кардам, вале ҳамеша ҷавоби рад мегирифтам. Он ҷо мегуфтанд: «Ҳоло навбати ту ҳам мерасад. Бубин, дар аксари деҳоти Сӯх қариб ягон ҷавонмарди солим намондааст, ки ба ҷанг сафарбар нашуда бошад. Ин ҷанг дер давом хоҳад кард», – ёдовар мешуданд падарам.

Ба гуфтаи он кас, зимни аз душман озод кардани як қатор шаҳрҳои Русия ва Белорус ширкат кардаанд. Вақте ки аз сар тир хӯрданд, муддати дароз дар госпитали ҳарбӣ тахти муолиҷа қарор гирифтанд. Баъд бар асоси хулосаи тиббии пизишкони госпитал ба ақибгоҳ фиристода шудаанд ва дубора ба кори омӯзгорӣ пардохтанд.

Аз филмномаҳои даврони ҷанг бармеояд, ки зери амалиёти хоси ҷангӣ қисмҳои Артиши Сурх фашистонро то лонаашон таъқиб карда рафтаанд ва парчами сурхро болои Рейхстаги Берлин задаанд. То 9 Майи соли 1945 аскарони сурх душманро пурра торумор кардаанд, аммо бо ин ҷанг ба охир нарасидааст. Моҳи августи соли 1945 артиши бисёрҳазорнафараи «Квантун»-и Ҷопон ба гумони он ки аскарони шуравӣ баъди пирӯзӣ бар фашизм хеле хаставу абгор шудаанд, ба Иттифоқи Советӣ ҳамла мекунад. Вале ин гумони онҳо ботил мебароянд ва дар фурсати хеле зуд аз тарафи артиши сурх торумор мегарданд. Ҷопонҳо ба теъдоди зиёд ба асорати Аскарони сурх меафтанд.

Бино ба нақли падарам, ҳарчанд аз бедарак шудани бародарашон дар майдони ҷанг комиссариати ҳарбӣ огоҳ карда буд, солҳои дароз бозгашти ӯро бесаброна интизорӣ кашидаанд. Чунки ғайр аз вай дигар на бародару на хоҳар доштанд, ки қуввати дилу ҷонашон шаванд ва ба дилашон таскин бубахшанд.

– Мисли ҳазорҳо ҷавонмардони шаҳидшуда умри бародарам низ хеле зуд хазон шуд ва бо дили пурармон аз ин дунё рафт. Маълум нест, ки ҷисми ӯ ва ҳамтоёнаш дар куҷо хок шудааст. Ҳатто як сурати ӯ пешам нест, ки гоҳ-гоҳ ба даст гираму ба чеҳрааш нигоҳ кунам, ғубори дил барорам, – мегуфтанд падарам. Сонӣ ашк дар чашмонашон ҳалқа мезад. – Ҷони даҳҳо нафар ҳамдиёронамро низ он ҷанги хонумонсӯз ба бод бурдааст ва, мутаассифона, ғайр аз сабру қаноат барои мо чораи дигар боқӣ намондааст.

Дили мо, фарзандон низ аз дидани ҳоли падари бародаргумкарда ба риққат меомад ва хоҳу нохоҳ қатраҳои ашки чашмони мо рӯи домонҳо мисли марҷон мешорид.

Боре падарам хоҳиш карданд, ки шеъри «Мавҷи бародарӣ»-и устод Муъмин Қаноатро барояшон пайдо кунам. Хеле шеърдӯст ва шеърдону шеърхон буданд. Вақте ки байтҳои устод М. Қаноатро яке аз паси дигар вирди забон овардам, чашм ба як нуқта дӯхта, хомӯшона гӯш карданд. Ҳувайдо буд, ки ин шеър аз номи он кас низ гуфта шудааст:

*Бигӯ, канӣ мазори ту, мазори хоксори ту?*
*Ба вақти захми охирин кӣ буд дар канори ту?*
*Даме фитодӣ бар замин, кӣ буд такядори ту?*
*Кӣ буд дар нигоҳи ту? Ба чашми интизори ту?*
*Бародарам,*
*Бародари ба ҷону дил баробарам!*

Баъди як бародару се духтар дар оила ман ба дунё омадаам. Баъди навмедиҳо падарам номи бародарашон Мирасрорро ба ман гузоштаанд. Тамоми умр маро «шумо» мегуфтанд ва аз аъзои дигари оиламон низ тақозо мегардид, ки дар ин маврид пайрави он кас бошанд.

Ногуфта намонад, ки бобоям Мулло Аҳрор дар 12-солагии падарам дар дарёи пурталотуми Сӯх ғарқ шудааст. Ҳодиса чунин будааст: Соли 1916 як гурӯҳ ҷавонмардони деҳаи Ҳушёр барои обёрии заминҳои бекарон ва дашту саҳро хостаанд тавассути новаҳо аз дарё об бароранд. Аммо баъди анҷоми кор ин ҷавонмардон болои суфае нишаста, машғули тановул будаанд, ки тахмони зери новаҳо кӯчида, ҳашт нафарро низ дарё ба коми худ кашидааст. Танҳо баъди чанд рӯз мардуми деҳ ҷасади онҳоро пайдо карда, ба хок супурдаанд.

Падарам ва бародари нав таваллудшудаашон Мирасрор ятим мондаанд. Падарам дар хонаи мардум гову гӯсфанд поида, барои худ ва бародарашон пораи нон меёфтаанд. Баъд ҳукумати нав он касро ба курси муаллимтайёркунӣ фиристодааст. Онро тамом кардаанду зиндагии акову додар андак беҳтар шудааст. Аммо то шурӯъи ҷанги зидди фашизм имкон даст надодааст, ки бародарашон издивоҷ кунад ва ҳадди ақал соҳиби ягон фарзанд шавад.

Боз ба шеъри «Мавҷи бародарӣ»-и устод М. Қаноат рӯй меорем:

*Ба ҳар диле, ки во шавад, маро ба сина ҷо шавад.*
*Ба ҳар нигоҳи беғаше, ки нури дидаҳо шавад,*
*Ба хандаҳои ғамбарор – чу мавҷҳои беқарор,*
*Нигоҳи туст ошкор, ҳаёти туст пойдор,*
*Бародарам,*
*Бародари ба ҷону дил баробарам!*

Дар арафаи таҷлили 80-умин солгарди Ғалаба бар фашизми Олмон ва Рӯзи хотираву қадр дар баробари ҳазорҳо шаҳидони Ҷанги дуюми ҷаҳон аз падару амаки худ низ ёд кардам. Ҷои шубҳа нест, ки ҳарду дар ба дастовардани Ғалаба бар фашизм, торумор гардидани душмани ғаддор ва озодии Ватани азиз саҳми худро гузоштаанд. Ёди ҳамаи қаҳрамонони ҷанг гиромӣ ва маъвои охираташон обод бод.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# УСТОД ЧӢ ГУНА – ШОГИРД НАМУНА

(Аввалаш дар саҳ.3).

Дар соли таҳсили 2024-2025 низ дари бахту саодат ба рӯи ӯву шогирди дигараш Фархунда Искандарова боз гардид. Хонандаи хушзеҳну қобилиятноки ӯ Фархунда Искандарова, ки ҳини хондан дар синфҳои 9,10,11 дар зинаи вилоятӣ пайи ҳам ғолиби мутлақ гардида буд, дар зинаи чоруми озмуни ҷумҳуриявӣ, ки дар шаҳри Навоӣ баргузор шуд, аз фанни забон ва адабиёти тоҷик фаъолона ширкат варзида, бо 90,5 хол ғолибияти мутлақро ба даст овард ва сазовори ҷои якум гардид.

Вақте ки ғолиби озмун Фархунда Искандарова бо устоди раҳнамояш Фарида Муҳиддинова бо сари баланд аз шаҳри Навоӣ баргаштанд, дар мактаби таҳсилкардаи ӯ – мактаби рақами 38 чорабинии мутантане баргузор шуд. Саҳни мактаби мазкур, ки худ як баҳористонеро мемонад, аҷаб дилрабо ва моломоли шодиву сурур буд. Ҷамоаи устодону шогирдони дабистон, падару модарон, фахриёни маҳаллаи «Себзор» ба истиқболи шогирди музаффар ва устоди сарфароз ҷамъ омада буданд. Ҳар дуро шодбош мегуфтанду табрику таҳният. Мавҷи кафкӯбӣ, садои мусиқӣ дар атроф танинандоз буд. Бо шеърхониву рақсу бозӣ шарикдарсон хурсандии худро нисбати Фархундаву устодаш изҳор мекарданд. Табрику суханрониҳои иштирокчиёни чорабинӣ ба устоду шогирд руҳу тавон мебахшид. Ба ҳарду гулдаставу диплом ва туҳфаҳои хотиравӣ супорида шуд…

Фархунда Искандарова 16 октябри соли 2007 дар деҳаи зебоманзари Гулистон дар оилаи зиёӣ ба дунё омадааст. Ӯ аз хурдӣ ба хондан завқи баланд дошт. Ҳар як дарси устодонро бо диққат мешуниду азхуд мекард. Дар чорабиниҳои фарҳангии мактаб фаъол ширкат меварзид, дар маҳфилҳои фаннӣ дониши худро такмил медод. Ба сухану панди устодон амал мекард.

Тазаккур бояд дод, ки муҳити оилавии Фархунда, ки дар хонадон фарзанди калонӣ маҳсуб меёбад, солим буда, падараш Искандар Бердиев ва бобояш Рӯзимурод Бердиев низ омӯзгорони ҳамин мактаб буданд. Модараш Зиёдагул Раҳмонова бошад, духтари шоири зиндаёд, омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик Абдуллоҳи Раҳмон аст. Ин модари дар муҳити шеъру шоирӣ тарбияёфта ба тарбияи фарзандон ҳамеша эътибори ҷиддӣ медиҳад. Пас барои муваффақ шудан ба чунин комёбии беназир ҳам муҳити оила, ҳам муҳити мактаби номдор ва ҳам устоди сахтгиру меҳрубон сабаб гардиданд. Ин комёбиҳои набераашро шоири марҳум Абдуллоҳи Раҳмон агар медид, албатта, ифтихор мекард. Фархунда низ имрӯз аз он ифтихор дорад, ки ворdel ҳақиқии падару бобоёни худ мебошад ва дар оянда низ қуллаҳои нав ба нави донишро фатҳ хоҳад кард.

– Рақобат хеле пуршиддат сурат гирифт, – мегӯяд озмунро ба ёд оварда яке аз ҳакамони адолатпарвар Турдиқул Ҳасратов. – Рӯзи аввал бисёре аз донишомӯзон дар навиштани эссе аз рӯйи мавзӯи додашуда маҳорати хуб нишон доданд, дар рӯзи дуввум бошад, дар иҷрои саволномаҳои тест низ чанд нафари онҳо холҳои баланд ба даст оварданд. Хусусан, натиҷаи ба даст овардаи шогирдони мактабҳои тоҷикӣ вилоятҳои Сурхондарё, Қашқадарё, Самарқанд, Фарғона, Тошканд ва Навоӣ назаррас буд. Панҷ нафар ҳакамон кори ҳар як иштирокдори озмунро бодиққат аз назар гузаронида, мувофиқи меъёрҳои муқарраршуда холисонаву одилона баҳогузорӣ карданд. Дар натиҷа аз рӯйи ҳарду шарти озмун бо холи аз ҳама баланд (90,5) донишомӯзи мактаби рақами 38-уми ноҳияи Сариосиё Фархунда Искандарова ҷойи якумро ишғол намуд. Маълум буд, ки хонанда тайёрии хубу пухта дидаасту устодаш Фарида Муҳиддинова, ки омӯзгори ботаҷриба ва пурдониш аст, дар тайёр намудани ӯ заҳмати зиёд харҷ кардааст.

Фарида фидоии касби худ аст. Зиёда аз 30 сол ба шогирдон аз забон ва адабиёти тоҷик дарс мегӯяд. Пешаи худро беҳад дӯст медорад ва ба қавле, нони худро ҳалол карда мехӯрад. Ӯ барои маош ё худ обрӯву эътибор кор намекунад, ҳар соати дарсӣ барои ӯ масъулияти ҷиддӣ, ҳар шогирд барояш чун фарзанд аст. Шогирдон низ ӯро дӯст медоранд, эҳтиромаш мекунанд. Дар ҷамоа низ соҳибобрӯ. Дарсҳои намунавии ӯ миқёси ноҳияву вилоят оммавӣ гардидаанд. Ӯ худ низ бо сари баланд ифтихор менамояд, ки шогирди асили шодравон Абдуллоҳи Раҳмон аст. Шояд ҳамин қадршиносиҳо ӯро ба ҳамин пояҳои баланд бардошта бошад, ки имрӯз худ низ қадр мебинад. Вақте ки дар бораи муносибатҳои устоду шогирдӣ аз ӯ пурсон шудем бо эҳтиром чунин суханонро вирди забон овард:

*– Ҳар киро устод набвад кор бар*
*бунёд нест,*
*Дар раҳи маънӣ рафиқе беҳтар*
*аз устод нест.*

Устоди аввалини ман модари мушфиқу меҳрубонам, омӯзгори собиқадор Зулфия Саломова мебошанд. Аввалин ҳарфу ҳиҷоро аз модарам омӯхтаам. Ҳоло мактабхон нашуда хондану навиштанро ба ман омӯхтанд. Меҳри забон ва адабиёти тоҷикро устоди беҳтаринам Абдуллоҳи Раҳмон дар қалби ман бедор кардаанд. Инчунин, хидматҳои муаллими забон ва адабиёти тоҷик дар синфи 10-ум Равзатулло Раҳмонов низ беқиёс аст. Назди устодони азиз ҳамеша сари таъзим фуруд меорам.

Вақте ба фаъолияти устоде баҳо доданӣ шавем, қабл аз ҳама шогирдони ӯро пеши назар меорем. Миёни халқ иборае ҳаст, ки: «Устод чӣ гуна – шогирд намуна». Фарида Муҳиддинова шогирди асиле буд, ки худ имрӯз ба дараҷаи устодӣ расид ва бошад, ки шогирдони ӯ Лолаву Бону, Нозанину Фархунда ва чанди дигар низ устодони номдоре шаванд.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Сурхондарё.**

## ҶАМОАИ ИТТИҲОДИЯИ ТИББИИ ШАҲРИ САМАРҚАНД

*Ҳамаи иштирокдорони Ҷанги дуюми ҷаҳон, собиқадорони меҳнат, тамоми шахсоне, ки дар он давраи вазнин дар ақибгоҳ заҳмат кашидаанд ва кулли мардуми кишварро бо*

# 9 МАЙ – РӮЗИ ХОТИРА ВА ҚАДР

*муборакбод менамоянд.*



**Ба хонадони ҳар як сокини кишвар сулҳу оромӣ ва зиндагии босаодат таманно мекунад.**

**Ҳамеша осмонамон софу беғубор ва дар кишварамон осоиштагӣ пойдор бошад!**

## ҶАМОАИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ САМАРҚАНД БА НОМИ ШАРОФ РАШИДОВ

**Иштирокдорону собиқадорони муҳтарами ҷангу меҳнат ва мардуми шарифи Ӯзбекистонро ба ифтихори**

# 9 МАЙ – РӮЗИ ХОТИРА ВА ҚАДР



*табрик гуфта, ба ҳар фарди Ватан тандурустиву хонаободӣ ва ба кишвари маҳбубамон сулҳу суботи ҷовидонӣ орзу менамояд.*

*Ба ифтихори 80-солагии Ғалабаи Бузург*

# ВОҚЕАИ ҚАНДИ КОҒАЗПЕЧ – ХОТИРАИ ҶОВИДОН

Чун нақше, ки бар санг тарошида бошад, хотираи ӯ дар қалби мардум ҷовидонист. Тешабой Одилов – қаҳрамонест, ки барои озодӣ ва оромии Ватану халқи худ диловарона ҷангидааст.

Вай аз зумраи он муҳофизони Ватан буд, ки дар муҳорибаҳои шадиди зидди душман аз соли 1941 то соли 1945 қаҳрамониҳои беназир нишон дода, ифтихори тамоми мардуми мо гаштааст. Мо ифтихор дорем, ки ӯ ҳамдиёри мост. Т. Одилов 15-уми сентябри соли 1918 дар деҳаи Ҳушёри ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона таваллуд ёфтааст. Вай аз кӯдакӣ ҳамчун шахси босавод, ҷӯё ва фидокор ба воя расида, соҳиби истеъдоди баланд буд, дар мактаб аъло мехонд. Мактаби миёнаро бо баҳои аъло хатм карда, дар ҳамон мактаб ба фаъолият шӯрӯъ кард. Соли 1938 ба хидмати ҳарбӣ даъват шуда, баъди тайёрии кӯтоҳмуддат ӯро ба фронт фиристоданд. Дар ҷангҳои шадиди Ленинград иштирок кард. Баъди мағлубияти фашистони хонумонсӯз низ то соли 1947 хидмати ҳарбиро давом дод. Сипас, соли 1948 бо ордену медалҳои зиёд баргашт ва ҳаёти худро ба таълиму тарбияи фарзандони халқ бахшид. Баъдан дар соҳаҳои хоҷагидорӣ ҳам кор кардааст. Ӯ соли 1997 вафот кард.



Т. Одилов падари сенздаҳ  нафар фарзанд буд. Кори неку номи неки ӯро фарзандонаш дар ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёт идома медиҳанд.

Тешабой Одилов боре нақл карда буд, ки немисҳо ба шаҳри Ленинград хеле наздик омада буданд. Номҳои мо дар радио ва рӯзномаҳо овоза шуда буд. Дар завод муҳимот ва тири тӯп истеҳсол мешуд. Фармон шуд, ки ба завод равем ва бо мардум   суҳбатҳои гарм карда, рӯҳияи онҳоро мебардоштем, мегуфтем, ки «Ғалаба ҳатман аз они мост!»

Ҳангоме ки суҳбат тамом шуд, зани солхӯрдае ба наздам омада, ба ман як дона қанди коғазпечро дод ва бо меҳрубонӣ гуфт:

– Илтимос, писарам, инро бигир ва барои ин аз номи ман як фашистро нобуд кун!

Ман розӣ шуда, хостам, ки қанди коғазпечро баргардонам, вале ӯ нагирифт. Ман он қанди коғазпечро нахӯрда, чун ёдгорӣ дар худ нигоҳ  доштам. Ҳар дафъае, ки онро медидам, симои он зани солхӯрдаи чашмони пуробу лабрези дарду ифтихор, пеши назарам меомад. Ӯ барои Ватан, барои фарзандонаш, барои ҳаёти осоишта, тамоми муҳаббат ва умедашро дар он як луқма шодии ширин ҷой дода буд. Ман дар он қанди коғазпеч гиряи хомӯш ва дуои модари зореро ҳис мекардам ва дар дил қасам мехӯрдам, ки фидокорона ҷангида, дар ғалаба бар фашизм саҳм гузорам.

**Бойхон МУЪМИНОВ,**
**донишҷӯйи соли сеюми бахши забону адабиёти тоҷикии Донишгоҳи давлатии Фарғона.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-528.
Адади нашр 3688. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор:
Т. Тӯхтаев.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 01.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.